Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

**Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ**

Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва бо мақсади ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ,ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи қарори мазкурро таъмин намоянд.

3. Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июли соли 1992, №263 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби саҳмиябандии ба кор қабул кардани шахсоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ зарурат дошта, дар таъмини кор ба мушкилиҳо дучор мешаванд", аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 2 апрели соли 2009 № 181
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 апрели соли 2009 № 181
тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои
# муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурўҳҳои алоҳидаи аҳолӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Ин Қоидаҳо дар асоси моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" таҳия шуда, тартиби муқаррар намудани квотаро барои ба кор қабул кардани гурўҳҳои алоҳидаи аҳолӣ муайян менамоянд.

2. Квота - ин ҳиссаи (қисми) ҷойҳои кориест, ки аз тарафи ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ барои бо кор таъмин кардани гурўҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки ба химояи иҷтимоӣ махсусан муқаррар, пешниҳод карда мешаванд.

3. Гурўҳҳои алоҳидаи аҳолӣ - шахсони синну соли қобили меҳнат, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ дошта, дар ҷустуҷўи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд.

## II. Шарту қоидаҳои муайян намудани квота

4. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо талаботи бозори меҳнатро меомўзанд, шумораи гурўҳҳои алоҳидаи аҳолиро, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд ва дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд, муайян намуда, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои муқаррар намудани квота дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ пешниҳод манзур менамоянд.

5. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо намояндагони иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба ҳар сол дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ квота муқаррар менамоянд.

6. Квота дар ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ дар ҳаҷми 5 фоизи шумораи умумии воҳиди корӣ муқаррар карда мешавад (агар шумораи воҳиди корӣ аз 20 кам набошад).

7. Ҳангоми муқаррар намудани квота миқдори ҷойҳои корӣ, ихтисос, касбҳои зарурӣ ва шароити меҳнат ба назар гирифта мешаванд.

8. Агар ҷойҳои кории ба тариқи квота муқарраршуда аз тарафи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар давоми як сол ишғол карда нашаванд, он гоҳ ин ҷойҳо соли дигар пешниҳод карда мешаванд.

9. Дар ҳолати истифода нашудани ҷойҳои кории ба тариқи квота муқарраршуда аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ касбомӯзонӣ ва бозомӯзонии ин гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ аз рӯи ихтисос ва касбҳои зарурӣ гузаронида шуда, онҳоро тибқи квотаи муқарраршуда ба ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ мефиристанд.

10. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ шаҳрвандонро дар бораи ҷорӣ кардани квота тавассути воситаҳои ахбори омма на дертар аз ду моҳ хабардор менамоянд.

### III. Гурӯҳи шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби квота бо ҷойҳои корӣ таъмин карда мешаванд.

11. Ба гурӯҳи шаҳрвандоне, ки тибқи квотаи муқарраршуда бо ҷои кор таъмин мегарданд, шахсони зерин дохил мешаванд:

- маъюбон;
- ятимони ноболиғ;
- шахсоне, ки аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, аз хизмати ҳарбӣ озод шудаанд;
- шахсоне, ки аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд;
- волидони яккаву танҳо, инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва фарзандони маъюб доранд;
- волидоне, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболиғ доранд;
- шахсони то синни 18 сола, ки бо сабаби вафоти волидонашон ва ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба ӯҳда доранд;
- шаҳрвандоне, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст;
- шаҳрвандони то синни 18 сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристода шудаанд.

12. Бо ҷои кор таъмин шудани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба тариқи квота дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва муроҷиати бевоситаи онҳо ба ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо амалӣ мегардад.

## IV. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои корфармоён дар таъмини гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба ҷои кор аз ҳисоби квотаи муқарраршуда

13. Корфармо ҳуқуқ дорад:

- аз мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маълумотро оид ба ҳолати бозори меҳнат дастрас намояд;
- ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои таълим ва бозомӯзонии кормандоне, ки тавассути квота ба кор қабул шудаанд, дархост пешниҳод намояд.

14. Корфармо ӯҳдадор аст:

- тибқи квотаи муқарраршуда шаҳрвандонро бо ҷои кор таъмин намояд;
- ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ бо назардошти вазъи саломатӣ ва ҳолати иҷтимоиашон шароити корӣ таъмин намояд;
- ҷойҳои кории тибқи квота барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ муқарраршударо танҳо дар мувофиқа бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ихтисор намояд;
- тавсияҳои Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоиро оид ба вақти нопурраи корӣ иҷро кунад, кори муносиб ва дигар шароити меҳнатро барои маъюбон таъмин намояд;
- барои кормандони ба кор қабулшуда оид ба ҳифзи меҳнат корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронад;

15. Ҳангоми ихтисор намудани шумора ё воҳиди (штати) корӣ шахсоне, ки тибқи квота бо кор таъмин шудаанд, ҳуқуқи афзалиятноки дар кор монданро доранд, агар миқдори чунин шахсон аз квотае, ки барои шумораи нави кормандон муқаррар шуда, зиёд набошад;

16. Мувофиқи тартиби муқарраршуда мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ оид ба фаъолияти худ дар ин самт ҳисоботи оморӣ пешниҳод менамояд.

17. Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои ин Қоидаҳоро назорат менамоянд.